**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

## ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар зери унвонии «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ мубрам ба ҳисоб рафта, муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Дар замони пешравиҳо ва таҷдиди назар гардидани самти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ - фарҳангӣ ва ҷаҳонишавии Тоҷикистон ва тағйиротҳои куллии дигаре, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба миён меоянд, онро нишон медиҳад, ки дар ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мавқеи ҳокимияти судӣ, ҳамчун ҳифзкунандаи манфиатҳои давлату шаҳрванд зиёд мегардад. Аз ин рӯ, гузаронидани ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ лозим аст, чунки он барои такмил додани санадҳои ҳуқуқӣ, таъмини мустақилияти судяҳо равона мешавад ва ба шуури ҳуқуқии касбии судяҳо таъсир расонида, пешбурди адолати судӣ беҳтар мегардад. Бинобар ин, муаллиф асоснок имконпазирии гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро дар доираи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба мақсад мувофиқ меҳисобад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар назария ва амалияи илми муосир мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» то ҳол дар соҳаҳои гуногуни илм: ҳуқуқшиносӣ, фалсафа, мантиқ, психология, педагогика ва ғайраҳо истифода мешавад ва ҳар кадоми онҳо онро ба таври худ маънидод мекунанд. Дар фалсафа ва мантиқ шуури ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, дар ҳуқуқшиносӣ ҳамчун маҷмуи ғояҳо, ҳиссиёт, эҳсосоти одамон нисбат ба ҳуқуқи мавҷуда ва гузашта, дар педагогика ва психология бошад, ҳамчун асоси тарбияи ҳуқуқӣ мешуморанд.

Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти худ муаллиф дуруст қайд менамояд, ки танҳо тасвири бутуни падидаи мазкур метавонад кумак расонад, ки аз моҳияти он воқиф шуда, қонуният ва сохтори онро дарк намуд.

Зеро ҳуқуқ ҳам қисми ҷудонашавандаи низоми муносибатҳои сиёсии ҷомеа буда, аз маҷмуи меъёрҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ, иборат аст, ки кафили онҳо давлат ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ мебошанд. Дар он на танҳо ба маҷбуркунӣ ва манъ кардани содир намудани кирдори муайян, балки муносибати одамон нисбат ба низоми мавҷуда, таасурот, ақидаҳои онҳо, ки бо худ шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, асос меёбад.

Шуури ҳуқуқӣ бо шароити ичтимоӣ ва иктисодии ҷомеа, анъанаҳои фарҳангӣ-ҳуқуқӣ, демократӣ ё авторитарӣ муайян карда мешавад. Бештари муҳаққиқони илми ҳуқуқшиносӣ қайд мекунанд, ки шуури ҳуқуқӣ падидаи идеалист, ки онро дар амал мушоҳида кардан мумкин нест. Ин ҳамфикрии онҳо бо намояндагони фалсафа, психология ва педагогика гувоҳӣ медиҳад.

Аммо ба ин нигоҳ накарда, маҳз ҳуқуқшиносон сохтор, вазифа ва намудҳои шуури ҳуқуқиро ҷудо карда, нақши онро дар механизми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини тартибу конуният муайян сохаанд. Ҳамзамон, нақши шуури ҳуқуқӣ чунон бузург аст, ки аксар вақт назарияи давлат ва ҳуқуқ ва назарияи шуури ҳуқуқиро алоҳида баррасӣ мекунанд. Онҳо аз қоидае, ки равоншиносон таҳия кардаанд, бармеоянд, ки шуур дар фаъолият амалӣ мешавад ва аз ин рӯ, сатҳи шуури ҳуқуқии шахсро аз рӯи амалҳои ӯ муайян менамоянд. Рафтори қонунии шахс, сатҳи баланди маданияти ҳуқуқии ӯ метавонад нишондиҳандаи сатҳи мусбати шуури ҳуқуқии ӯ гардад.

Муаллиф бар он ақида мебошад, ки новобаста аз таҳқиқотҳои шуури ҳуқуқӣ, оид ба проблемаҳои шуури ҳуқуқии касбии судяҳо мушкилотҳо, таҳқиқотҳои нокифояи ҷанбаҳои алоҳидаи он мавҷуд аст ва он таҳқиқоти илмии назариявиро талаб менамояд. Дар ин замина, муаллиф дуруст қайд мекунад, ки судяҳо бояд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, бо истифода аз арзишҳои ҳуқуқӣ, одату анъанаҳои ҳуқуқӣ, мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотонии раванди ҳуқуқтатбиққунӣ, бозомӯзӣ, дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, фаъолияти касбии худро сифатан баланд бардоранд.

Аз ин лиҳоз, муаллиф тавонистааст, ки дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда аз нуктаи назари ҳуқуқ, фалсафа, идеологияи ҳуқуқӣ, психологияи ҳуқуқӣ, сиёсатшиносӣ ва ғайра мафҳум ва моҳияти проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳоро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба нақши ҳокимияти судӣ дар ҷомеа ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқи касбии судяҳо дар баамал баровардани адолати судӣ заруранд, саҳми худро гузорад.

Таҳқиқоти ба ҳимоя пешниҳодшуда нахустин таҳқиқоти маҷмуавӣ оид ба масъалаҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳо, андешаҳо, ақидаҳо ва мулоҳизаҳои илмии диссертатсия, навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо нишон медиҳанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд, ки онҳо барои илми ҳуқуқшиносӣ дар самти баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо мусоидат менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки муаллиф дар банди 2 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда шуури ҳуқуқии касбии судяҳоро кушода дода, қайд намудааст, ки “Шуури ҳуқуқии касбии судя - ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-психологӣ дорои сифатҳои функсионалӣ - сохторӣ буда, дар хислатҳои инфиродии судя зоҳир гардида, моҳияти шуури ҳуқуқии охиринро муайян намуда, табиати падидаи мавриди таҳқиқ қарордоштаро возеҳу равшан мекунанд.” (саҳ. 21). Ба андешаи мо, агар аз назари иҷтимоӣ-фалсафӣ мафҳуми

шуури ҳуқуқӣ васетар кушода дода мешуд, аз фоида холӣ набуд, азбаски шуури ҳуқуқии касбии судяҳо унсури шуури ҳуқуқӣ мебошад.

Албатта, пениҳоди зикршуда ба мазмуну мухтаво ва дараҷаи илмии *автореферати диссертатсия ва арзиши илмии он таъсир расонида* наметавонад.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Сарходими илмии шуъбаи фалсафаи иҷтимоии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ,
доктори илмҳои фалсафа, дотсент Назар Муъмин Абдуҷалол

Имзои Назар М.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

« 16 » 06 соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33,
Тел.: + 992 917251167
E-mail: mumin.nazar.67@mail.ru